# Конференсияҳо ва семинарҳо дар ноҳияҳои Рушон ва Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Опубликовано 19 июня, 2023 - 12:02 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло ҷиҳати амалисозии супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми январи соли 2023, №16/10-5 оид ба иҷрои

бандҳои 8 ва 9-и Нақшаи фаъолияти Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон барои соли 2023 ва аз 29-уми апрели соли 2023, №30/10-65 рӯзҳои 5-ум то 11-уми июни соли 2023 дар конференсияҳои Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, ки дар ноҳияҳои Рушон ва Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баргузор гардиданд, иштирок ва суханронӣ карда, оид ба тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва шарҳу тавзеҳи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» дар мақомот ва муассисаҳои илмию таълимӣ семинари машваратӣбаргузор намуд.
Мутобиқи барномаи тарҳрезишуда рӯзи 07.06.23 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рушон таҳти унвони «Таҳкими Ваҳдати миллӣ мароми мост» конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ баргузор шуда, дар он олимону донишмандон аз АМИТ, донишгоҳу донишкадаҳо ва муассисаҳои гуногуни кишвар иштирок карданд. Маърузаи Раҳматуллозода С.Р. дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ - сарчашмаи рушди маънавиёти миллӣ» ном дошт, ки перомуни нақши ваҳдат дар ташаккул ва ривоҷу равнақу пешрафти ҷомеа ва, махсусан, таъсири он ба фазои маънавии миллӣ марбут буд, ки дар саргаҳи он Пешвои миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад.

Рӯзи 07.06.23 дар толори Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б.Искандарови АМИТ бо ҳайати роҳбарият, олимону донишмандон ва мутахассисони институт оид ба тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва шарҳу тавзеҳи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» семинари илмию машваратӣ ташкил шуд. Дар семинар С.Раҳматуллозода роҷеъ ба нақши Пешвои миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба устувор гардидани пояҳои ҳуқуқӣ-меъёрии пешбурди кори забон суханронӣ карда, дар робита ба санадҳои ҳуқуқии соҳаи забон маълумот дода, нуктаҳои асосии «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» шарҳу тавзеҳ дод.

Директори Институти мазкур профессор Ҳоким Қаландариён, профессор Назрӣ Офаридаев ва ходими илмии институт Н.Ризвоншоева дар музокира оид ба ҳатмӣ будани истифодаи самараноки санадҳои мавҷуда дар бораи забонро ҳатмӣ дониста, дар ҳаёти навишториамон дастури рӯйимизӣ будани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ»-ро ҳоизи аҳамият донистанд.

Ҳамчунин, рӯзи 08.06.23 дар ДДХ ба номи М.Назаршоев бо иштирок ҳайати роҳбарият, профессорону дотсентон ва устодони муассиса доир ба «Риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» семинар-машварати илмӣ баргузор карда шуд, ки дар кори он муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода С. Р. доир ба моҳияти истифодаи дурусти Қоидаҳои имло гузориши илмӣ пешниҳод кард. Дар семинар-машварат ректори муассиса профессор Комилбек Амид Ёрбек, муовини ректор оид ба илм Аҳмадзода Баҳром ва профессор Назрӣ Офаридаев суханронӣ карданд. Зикр карда шуд, ки ҳар як санаде, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад, бояд дар ҳаёт татбиқ шавад. Махсусан, «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», ки ҳаёти навиштории моро танзим менамояд.

Рӯзи 09.06.2023 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб зери унвони «Забони тоҷикӣ – сармояи миллии мост» конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор. Дар кори он низ муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло иштирок карда, дар мавзуи «Забони тоҷикӣ асоси худшиносӣ, ҳувият ва ваҳдати миллӣ» суханронӣ карда, дар ташаккул ва рушду равнақи ин забон ва ваҳдати миллӣ аз заҳматҳо ва шоҳкориҳои Пешвои миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, онҳоро беназир арзёбӣ намуд.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (5 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- Забони тоҷикӣ [3]

- 

- 

- 

-

-

-

-

- 

-

- 

-

- 

-

- 

- 

-

-

- 

- 

- 

-

-

-

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6938?mini=2025-08

**Ссылки**

[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/351124059_803624154658796_5254048692467766990_n.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/38 [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351143732_803623504658861_1769055147890625988_n.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351210881_803624164658795_5088115266326612254_n.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351317478_803623747992170_1190978423405229267_n.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351324045_803624214658790_4179196444900508014_n.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351487911_803623811325497_7888333130129024906_n.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351548090_803623821325496_6129860492471141737_n.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351560107_803623474658864_5880411926074355222_n.jpg [11] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352519284_803623514658860_9019684530918780333_n.jpg [12] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352323099_277735614780068_2342233042146678761_n.jpg [13] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352367543_277736171446679_1192213547876566890_n.jpg [14] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352375031_277735491446747_3242789859465884496_n.jpg [15] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352511467_277736131446683_7186212334413908927_n.jpg [16] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352783203_277734601446836_6259799103738863418_n.jpg [17] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352825741_277735558113407_3206642983121975005_n.jpg [18] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351824705_2091435197698284_3983983711694743327_n.jpg [19] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352296056_1326762404604794_3199491404490768016_n.jpg [20] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351468650_250381194303952_6442120956919670881_n.jpg [21] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351560123_250380727637332_7212766108106722095_n.jpg [22] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351770051_250380960970642_5676816619255248922_n.jpg [23] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352560981_250380344304037_3802148758262314714_n.jpg [24] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352826329_250381310970607_269416760700911526_n.jpg [25] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/351523680_190268020295247_1966528249693459 5_n.jpg [26] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352178556_800670344684170_8494656019808123198_n.jpg [27] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352370702_198136556514990_8637177297061793479_n.jpg [28] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/352582616_1452705285557532_7106682401889734407_n.jpg